«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Директори Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон номзади илмҳои техникӣ
_________________ Ниёзӣ С. Р.
12 сентябри соли 2025

# ХУЛОСАИ

**ҷаласаи васеи шуъбаи таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбии Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон**

Диссертатсияи Талбакова Навбаҳор Қурбоновна дар мавзуи «Асосҳои педагогии тарбияи маънавӣ-ахлоқии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар ҷараёни дарсҳои забони англисӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.08 - Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04 - Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ) дар шуъбаи таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбии Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон иҷро шудааст.

Дар ҷараёни омода намудани диссертатсия Талбакова Навбаҳор Қурбоновна ба ҳайси омӯзгори кафедраи педагогикаи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав фаъолият менамуд.

Талбакова Навбаҳор Қурбоновна соли 2011 ба факултети филологияи хориҷии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ дохил шуда, онро соли 2015 бо дараҷаи бакалаври филология, касби омӯзгор, ихтисоси 1-02 03 06 забони англисӣ хатм намуд. Пас аз он

соли 2017 диссертант бо дараҷаи магистри илмҳои филологӣ Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакиро бо ихтисоси забони англисӣ хатм намудааст.

Номбурда бо фармоиши директори Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон аз 25.09.2020, №108 унвонҷӯйи шуъбаи таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбии Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон қабул карда шудааст.

Талбакова Навбаҳор Қурбоновна кори илмӣ-таҳқиқотии худро дар мавзуи «Асосҳои педагогии тарбияи маънавӣ-ахлоқии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар ҷараёни дарсҳои забони англисӣ» зери роҳбарии доктори илмҳои педагогӣ, профессор, президенти Академияи таҳсилоти Тоҷикистон Сафаров Шодӣ Асомуродович ба анҷом расонидааст.

Талбакова Навбаҳор Қурбоновна солҳои 2020-2024 ба сифати унвонҷӯй дар шуъбаи тайёрнамоии кадрҳои илмӣ-педагогии Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон фаъолият карда, имтиҳони минимуми номзадиро аз фанҳои Таърих ва фалсафаи илм – аъло, Забони англисӣ – хуб, Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот – ихтисосро бо баҳои аъло супоридааст.

Диссертатсияи унвонҷӯй дар ҷаласаи васеи шуъбаи таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбии Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон аз 12.09.2025, №09 муҳокима гардидааст. Муқарризони диссертатсия: Гулмадов Ф. – доктори илмҳои педагогӣ, мудири шуъбаи педагогика ва методикаи таҳсилоти муосири Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ва Маҳкамов Д. – номзади илмҳои педагогӣ, мудири шуъбаи таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбии Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии

Академияи таҳсилоти Тоҷикистон оид ба мубрамии мавзуи таҳқиқот, моҳияти илмӣ-назариявӣ ва амалии он, саҳми унвонҷӯйро дар иҷрои корҳои таҳқиқотӣ-озмоишӣ қайд карда, асосан ба диссертатсия баҳои мусбат доданд ва барои боз ҳам беҳтар шудани сифати таҳқиқот эроду тавсияҳои худро пешниҳод намуда, иброз намуданд, ки камбудиҳои ошкоршуда ба сифатан беҳтар шудани мазмуну муҳтавои диссертатсия кумак хоҳанд расонд.

Ҷаласаи шуъбаи таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбии Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи А. Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон баромади довталаби дараҷаи илмӣ Талбакова Навбаҳор Қурбоновна дар мавзуи «Асосҳои педагогии тарбияи маънавӣ-ахлоқии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар ҷараёни дарсҳои забони англисӣ», хулосаи роҳбари илмии унвойҷӯй, доктори илмҳои педагогӣ, профессор Сафаров Ш.А. ва музокираву муҳокимаҳои илмии иштирокчиёни ҷаласаро шунида, ба чунин хулоса расид:

1. Ихтисос, мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии Талбакова Навбаҳор Қурбоновна ба шиносномаи ихтисоси илмии 13.00.08 - Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04 - Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ) ба муҳтавои диссертатсия мувофиқат мекунад.

2. Мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии Талбакова Навбаҳор Қурбоновна дар мавзуи «Асосҳои педагогии тарбияи маънавӣ-ахлоқии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар ҷараёни дарсҳои забони англисӣ» ба самти афзалиятҳои омӯзиши рушди асосҳои педагогии тарбияи маънавӣ-ахлоқии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар ҷараёни дарсҳои забони англисӣ робитаи бевосита дошта, ба амалисозии талаботи Консепсияи миллии маълумоти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Консепсияи рушди таҳсилоти касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Барномаи давлатии такмили тадрис ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2004-2014,

Барномаи давлатии такмили таълим ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2015-2020, Барномаи давлатии такмили таълим ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 дар самти ташаккули салоҳиятнокии коммуникативии омӯзиши забони ангисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ ва ташаккули ахлоқии донишҷӯён иҷро шудааст.

Мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии диссертант, ки дар самти амалисозии рушди тафаккури ахлоқии донишҷӯён дар раванди таълими забонҳои хориҷӣ (англисӣ) дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон саҳми босазо гузошта метавонад, муҳим ва мубрам арзёбӣ мешавад.

3. Натиҷаҳои илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ ва тавсияҳои методии пешниҳодкардаи довталаб дар раванди таълими донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбии Коллеҷи омӯзгории Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ, Коллеҷи тиббии шаҳри Кӯлоб ва Коллеҷи энергетикии ноҳияи Ҷалолиддини Балхӣ тавассути баргузории корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ тасвибу тасдиқ шудаанд. Санадҳои татбиқи натиҷаҳои илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар самти амалисозии рушди тафаккури ахлоқии донишҷӯён дар раванди таълими забонҳои хориҷӣ (англисӣ) дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар боло зикршуда мавҷуд буда, самаранокии натиҷаҳои таҳқиқот барои таълими забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ ва ташаккули ахлоқӣ дар донишҷӯёни зикргадида собит карда шудааст.

4. Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ аз таҳлили амиқи масъала бо муайян намудани объект ва мавзуи (предмети) тадқиқот, муайян намудани ҳадафу вазифаҳои тадқиқот, омӯзиш ва таҳлили адабиёти зарурӣ ва дигар манбаъҳои илмӣ, коркард ва таълифи кори тадқиқотӣ иборат мебошад. Дар тӯли фаъолияти илмӣ аз ҷониби муаллиф бо

истифода ва риояи асосҳои методологӣ ва назариявӣ кори тадқиқотии мазкур мустақилона анҷом дода шудааст. Ҳамчунин, доир ба тарбияи маънавию ахлоқии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар раванди таълими забони англисӣ корҳои озмоишӣ-таҷрибавӣ баргузор намудааст, ки ин, бешубҳа, саҳми шахсии муаллифи диссертатсия маҳсуб мешавад.

5. Диссертатсия ба мазмуни шиносномаи ихтисоси 13.00.08 – «Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ» (13.00.08.04 – Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ): *банди 1*- «Методологияи таҳқиқоти педагогӣ» (асосҳои ҷаҳонбинии таҳқиқот; равишҳои таҳқиқоти рушди илми педагогӣ, мувофиқат ва ҳудудҳои татбиқи онҳо усулҳои таҳқиқоти педагогӣ; рушди соҳаи фанни педагогика; илмшиносии педагогӣ; хусусияти робитаҳои байнифаннӣ дар таҳқиқоти педагогӣ; характери диалектикии алоқаи мутақобилаи илми педагогика ва амалияи таълим асосноккунии методологии таҳқиқоти пешгӯикунанда; асосноккунии методологии таҳқиқоти дастҷамъона; сифати таҳқиқоти педагогӣ); банди 3 - «Антропологияи педагогӣ» (консепсияи тарбия, таълим ва иҷтимоисозии шахс тавассути таълим; низомҳои педагогӣ / шароитҳо / рушди шахсият дар раванди таълим, тарбия, таҳсилот); банди 5 - «Назария ва косепсияҳои тарбия» (омилҳои иҷтимоӣ-фарҳангии тарбия; шаклҳо, принсипҳои тарбияи кӯдак дар марҳилаҳои гуногуни ба камол расидани ӯ; асосҳои арзишии ташаккули раванди таълим, низоҳои педагогии тарбия; консепсияҳои этнопедагогии тарбия; робитаи мутақобилаи тарбияи шахсият ва рушди коллектив (ҷамъият), ҳаракати бачагона ва созмонҳо, таҳсилоти иловагӣ ҳамчун воситаи тарбияи шахс) мувофиқат мекунад.

Диссертатсия аз муқаддима, ду боб, шаш параграф, хулоса ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат мебошад.

Вобаста ба мавзуъ ва масоили таҳқиқи диссертатсионӣ 13 мақола, аз ҷумла 6 адад мақола дар маҷаллаҳои илмии дар феҳристи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон воридшуда, ва 7 мақолаи дигар дар маҷалла ва маҷмуаи мақолаҳои конференсияҳои ҷумҳуриявӣ интишор гардидааст.

Мундариҷаи асосии таҳқиқ аз рӯйи мавзуи диссертатсия дар таълифоти зерини муаллиф инъикос ёфтааст:

I. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд:

[1-М] Талбакова Н.Қ. Тарбияи маънавию ахлоқии донишҷӯён дар дарсҳои забони англисӣ. [Матн] /Н.Қ. Талбакова // Паёми Академияи таҳсилоти Тоҷикистон. - Душанбе, - 2022. - №3 (44). - С. 124- 129. ISSN 2617-5620.

[2-М] Талбакова Н.Қ. Ҳадаф ва вазифаҳои тарбияи ахлоқии донишҷӯён дар дарсҳои забони хориҷӣ (англисӣ). [Матн] /Н.Қ. Талбакова //Паёми Академияи таҳсилоти Тоҷикистон. - Душанбе, - 2023. - № 3 (48). - С. 63-67. ISSN 2222-9809.

[3-М] Талбакова Н.Қ., Қурбонов А.Ш. Таҳлили боҳамалоқамандии диалектикии муносибати омӯзгор ва донишҷӯ ҳамчун субъект ва объекти раванди таълиму тарбия. [Матн] /Н.Қ. Талбакова, А.Ш. Қурбонов//Паёми пажӯҳишгоҳи рушди маориф. - Душанбе, - 2023. - №3 (43). - С. 42-46. ISSN 2617-5320.

[4-М]. Талбакова Н.Қ. Донишҷӯ ҳамчун объект ва субъекти таълиму тарбия. [Матн] /Н.Қ. Талбакова //Паёми донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. - 2025.- №1/1 (131). - С. 213- 2016. ISSN 2663-553;

[5-М] Талбакова Н.Қ. Такмили тарбияи ахлоқии донишҷуён дар дарсҳои забони англисӣ ва омода намудани онҳо ба касби оянда. [Матн]

/Н.Қ. Талбакова//Паёми Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдулло Рӯдакӣ. -2025. - №2 (39). - С. 163-168. ISSN 2616-5260.

[6-М]. Талбакова Н.Қ. Шахсияти омӯзгор ҳамчун омили муҳимми ташаккули тафаккури ахлоқии донишҷӯён. [Матн] /Н.Қ. Талбакова //Паёми Академияи таҳсилоти Тоҷикистон. - Душанбе, -2025. - №2 (56). - С. 118-123. ISSN 2222-9809.

II. Мақолаҳо ва фишурдаи интишороте, ки дар маҷмуаҳои дигар чоп шудаанд:

[7-М] Талбакова Н.Қ. Нақши дарсҳои забони англисӣ дар тарбияи ахлоқии донишҷӯён. [Матн] /Н.Қ. Талбакова//Маорифи Тоҷикистон. – Душанбе, -2022. -№11. - С. 50-51.

[8-М] Талбакова Н.Қ. Омӯзгор ва тарбияи ахлоқии донишҷӯён. [Матн] /Н.Қ. Талбакова //Маорифи Тоҷикистон. – Душанбе, -2025, №2. - С.25-26.

[9-М] Талбакова Н.Қ. Тарбияи сифатҳои ахлоқии донишҷӯён дар раванди омӯзиши забони англисӣ [Матн] /Н.Қ. Талбакова// Навгониҳо дар таҳсилоти олии касбии муосир. Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ.- Кӯлоб, 19.03.21. – С.188-191.

[10-М] Талбакова Н.Қ. Омӯзиши забони англисӣ ҳамчун омили муҳимми ташаккули зеҳнии хонандагон [Матн] /Н.Қ. Талбакова//Илму маориф – бунёди маърифати зеҳнӣ./ Маводи Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ, ш.Душанбе, 18 апрели соли 2019. –С. 182-188.

[11-М] Талбакова Н.Қ. (дар ҳаммуаллифӣ). Нақши муштараки мактаб ва оила дар ташаккули тафаккури ахлоқӣ ва зеҳнии хонандагон. [Матн] /Н.Қ. Талбакова, Бобоева М.//Масъалаҳои мубрами илму маориф дар шароити ҷаҳонишавӣ. Конференсия илмӣ-назариявӣ. - Кӯлоб, 26 декабри соли 2020. – С. 322-335.

[12-М] Талбакова Н.Қ. Сиёсати давлатӣ доир ба таълими забонҳои хориҷӣ. [Матн] /Н.Қ. Талбакова// Вазъи илм ва маориф дар шароити

истиқлолияти давлатӣ. Конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ. Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 28.10.22.

[13-М] Талбакова Н.Қ. Курсҳои такмили ихтисос – омили муҳимми тарбияи касбии омӯзгори оянда. [Матн] /Н.Қ. Талбакова// Вазъ ва дурнамои таъмини муассисаҳои илмӣ-тадқиқотӣ ва мактабҳои олӣ бо кадрҳои илмӣ. Конференсияи илмӣ- амалӣ. Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 7-уми июни соли 2024.

Ҷаласа қарор кард:

1. Диссертатсияи Талбакова Навбаҳор Қурбоновна дар мавзуи «Асосҳои педагогии тарбияи маънавӣ-ахлоқии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар ҷараёни дарсҳои забони англисӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.08 – назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04 – Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ) кори таҳқиқотии анҷомёфта ҳисобида шавад.

2. Диссертатсияи Талбакова Навбаҳор Қурбоновна дар мавзуи «Асосҳои педагогии тарбияи маънавӣ-ахлоқии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар ҷараёни дарсҳои забони англисӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.08 – назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04 – Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ) бо назардошти ислоҳи эродҳои гирифташуда, барои ҳимоя дар шурои диссертатсионии 6D.КОА-077-и назди Академияи таҳсилоти Тоҷикистон тавсия дода шавад.

Хулоса дар ҷаласаи шуъбаи таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбии Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон санаи 12 сентябри соли 2025, протоколи №09 қабул гардидааст.

Дар ҷаласа иштирок доштанд: ҳамагӣ 15 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» – 15 нафар; «зид» – нест; «бетараф» – нест.

Раиси ҷаласа, номзади илмҳои педагогӣ, дотсент,
мудири шуъбаи таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии
касбии Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи
А. Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон Махкамов Д.

Котиби ҷаласа, ходими пешбари илмии
шуъбаи таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии
касбии Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи
А. Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон Гадоев И.

Маълумот барои тамос:
Суроға: 734024, ҶТ, ш. Душанбе, кӯч. А. Адҳамов 11/2
Тел.: 2 25 84 06, 2 25 84 09
Суроғаи электронӣ: prmatt@maorif.tj

*Имзои Д. Махкамов ва И. Гадоевро тасдиқ менамоям.*

Мудири шуъбаи кадрҳо ва коргузории
Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи А. Ҷомии
Академияи таҳсилоти Тоҷикистон Ҳакимова Х.